**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Қодирова Фирӯза Рустамовна дар мавзӯи «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноии «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммади Бакрон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология пешниҳод шудааст.**

Аз «11» январи соли 2021 ш.Душанбе

Дар шароити кунунӣ такя ва эътимод ба сарчашмаҳои мухталифи осори қадимаи забони тоҷикӣ, омӯзиш ва баррасии онҳо яке аз роҳҳои боэътимоди таҳқиқи пайдоиш, тараққӣ ва таҳаввули лексика ва лексикологияи таърихии забони тоҷикӣ мебошад. Кори диссертатсионии Қодирова Фирӯза маҳз ба ҳамин мавзӯи муҳим, яъне хусуиятҳои луғавӣ ва маъноии яке аз сарчашмаҳои муътамади забоншиносии тоҷик – асари ҷуғрофидон ва харитасози охири XII ва аввали қарни XIII Муҳаммад ибни Наҷиби Бакрон бахшида шудааст. Аҳамият ва интихоби мавзӯи мазкур дар забоншиносии тоҷик ва арзиши забонӣ ва таърихии он мавриди дастгирӣ ва тарғибу ташвиқ мебошад.

Пажӯҳиши ин мавзӯъ дар илми забоншиносии тоҷик, ки аз масъалаҳои камомӯхташуда ба шумор меравад, аз аҳамияти назариву амалии диссертатсия дарак медиҳад.

Навгониҳои илмии рисола, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки дар забоншиносии тоҷик вежагиҳои луғавии «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммади Бакрон бори аввал мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия Қодирова Фирӯза ба муайяну мушаххассозии гурӯҳҳои лексикии таркиби асар, ба монанди калимаҳои аслӣ, иқтибосӣ, архаистӣ, адабӣ-китобӣ, сермаъно, ҳамшакл, муродифот, зидмаъно ва онимҳо диққат дода, зимни таҳқиқ тарзи ифода ва дараҷаи истифодагардии онҳоро дар замони муаллиф муайян намудааст. Дар баробари ин, диссертатант аҳамияти асар ва нақши муаллифи онро барои илми забоншиносӣ (кӯшиши саҳеҳгардонии забони асар, корбарии унсурҳои луғавии оммафаҳм, баёни иштибоҳоти ошкору маҷҳул ва ғ.) бо мисолҳои мушаххас нишон додааст.

Докторант ҳангоми таҳқиқи мавзӯъ аз методҳои диахронӣ, муқоисавӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, эҳсоӣ истифода кардааст. Дар ҷараёни таҳияи диссертатсия ба усули илмӣ ва осори назарии муҳаққиқон, ба монанди В.В. Виноградов, Н.М. Шанский, В.С. Расторгуева, А.А. Реформатский, А.А. Хромов, А.В. Суперанская, П.Н. Хонларӣ, Э.А. Систонӣ, М.Шукуров, Б.Ниёзмуҳаммадов, Ш.Рустамов, М.Қосимова, Д.Саймиддинов, С.Назарзода, Н.Маъсумӣ, С.Ҳалимов, Р.Ғаффоров, Қ.Тоҳирова, Д.Хоҷаев, С.Сулаймонов, А.Ҳасанзода, О.Ғафуров, Ш.Ҳайдарӣ ва дигарон такя намудааст.

Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, ки дар диссертатсия гузошта шудаанд, дар таркиби 3 боб, 10 фасл ва 6 зерфасл тасниф гардида, дар умум ба иҷро расидаанд.

Боби аввали диссертатсия «Гурӯҳбандии лексикаи «Ҷаҳоннома» аз ду фаслу ду зерфасл иборат буда, докторант дар ин фаслу зерфаслҳо ҳадафи асосии таҳқиқи худ гурӯҳбандии маъноии лексикаи забони тоҷикиро дар манбаи мазкур қарор дода, ба масъалаи муҳими омӯзиши лексикаи забон,ки он ҳам серистеъмолии вожагон ва ё ҷанбаи омории маводи «Ҷаҳоннома» мебошад, диққат доддааст. Ф.Қодирова ҳангоми баррасии мавзӯи мазкур ба сарчашмаи таҳқиқ ва андешаҳои донишмандони соҳа такя карда, маводро аз назари забоншиносӣ дар доираи ҳадафи таҳқиқ ба анҷом расонидааст. Ҳамзамон, докторант дар баробари лексикаи сирф тоҷикӣ лексикаи аз забонҳои дигар чун арабӣ, ҳиндӣ, румӣ ва туркиии дар «Ҷаҳоннома» истифодагардидаро мавриди пажӯҳиши оморӣ қарор дода, натиҷаҳои мушаххаси забоншиносӣ баровардааст.

Дар боби дуюми диссертатсия зери унвони «Категорияҳои луғавӣ-маъноии «Ҷаҳоннома» докторант диққати асосиро ба масъалаҳои муҳими лексикология чун сермаъноии калимаҳо, калимаҳои ҳамшакл, омонимҳои лексикӣ, омонимҳои лексикӣ ва морфологӣ, омонимҳои ономастикӣ, калимаҳои ҳаммаъно, калимаҳои зидмаъно равона сохта, таркиби маънои лексикаи сарчашмаи мазкурро на танҳо аз нигоҳи лексикаи аслии забони тоҷикӣ ва нақши он дар ин сарчашма, балки лексикаи ғайритоҷикиро низ аз назари

лексикологияи таърихӣ мавриди таҳқик ва баррасӣ қарор дода, масоили мавриди назарро ҷиддӣ ҳаллу фасл кардааст.

Боби сеюми диссертатсия бо унвони «Ономастикаи асар ва таснифоти он аз рӯйи маъно ва сохтор» ба таҳқиқ ва баррасии як бахши муҳими забонӣ, таърихӣ ва фарҳангии забоншиносии тоҷик ономастикаи маводи сарчашмаи таҳқиқ бахшида шуда, дар такя ба андешаҳои донишмандони соҳаи ономастика докторант маводи пуркимат ҷамъоварӣ сохта, онҳоро аз нигоҳи қонун ва қоидаҳои забоншиносии муосир мавриди баррасии забоншиносӣ қарор додааст.

Докторант дар охири кор хулосаҳои даркориро аз натиҷагирии кори таҳқиқотӣ бароварда, чанд хулосаи муҳимро аз мазмун ва муҳтавои таҳқиқи анҷомпазируфта берун кашидааст.

Диссертатсия арзиши баланди назариявӣ ва амалӣ дошта, манзараи таркиби луғавии забони адабии асри XIII-ро тасвир менамояд. Дастовардҳои онро дар таҳлилу ҳалли масъалаҳои мухталифи таърихи забон, таълиму тадриси фанҳои забоншиносӣ, таҳияи китобу дастурҳои таълимӣ аз фанҳои таърихи забон, лексикология, курс ва семинарҳои махсуси забон истифода намудан мумкин аст.

Дар баробари ин, дар диссертатсия камбудиву норасоиҳое ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор аст:

1. Дар муқаддима қисми «Мубрамияти таҳқиқ»-ро ба «Аҳамияти таҳқиқ» мебояд иваз кард.
2. Ба имлои калимаҳои бо «ӯ»-и дароз диққат дода шавад. Мафҳумхои истилоҳӣ бояд дар нохунак гирифта шаванд.
3. «Заҳр»-и тоҷикӣ аз «захр»-и арабӣ ба маънои «пушт» фарқ дорад (ниг. с.14).
4. Асарҳои донишмандони мавриди эътимод дар фишурда такроран омадаанд, онҳоро дар як ҷо овардан беҳтар аст.

**Хулоса**:

1. Диссертатсияи Қодирова Фирӯза дар мавзӯи «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноии «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммади Бакрон» кори илмии анҷомёфта буда,

мундариҷаи он ба ихтисоси 6D020500 – Филология, ки Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 ба ҳимоя иҷозат медиҳад, мувофиқат мекунад.

2. Мақолаҳои интишорнамудаи докторант (9 адад), аз ҷумла 4 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Ҳаҷми умумии корҳои интишоршуда 4.1 ҷузъи чопиро ташкил медиҳанд.
3. Автореферат ба талаботи кори илмӣ мувофиқ буда, мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра фаро мегирад.
4. Диссертатсияи Қодирова Фирӯза дар мавзӯи «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноии «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммади Бакрон» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст, барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 пешниҳод карда шавад.
5. Ба ҳайси муқарризони расмӣ тавсия карда мешаванд:

| | |
|---|---|
| **Қосимов Олимҷон Ҳабибович** | – доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино” |
| **Неъматзода Фархунда Турсунбоевна** | – номзади илмҳои филологӣ, муаллимаи калони кафедраи лингвистикаи Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар ш.Душанбе |

Ба сифати муассисаи тақриздиҳанда **Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АМИ Тоҷикистон** пешниҳод мешавад.

**Раиси комиссияи ташхис**:
доктори илми филология, профессор,
узви шӯрои диссертатсионӣ Сулаймонов С.

**Аъзои комиссияи ташхис:**
доктори илми филология, профессор,
узви шӯрои диссертатсионӣ Хоҷаев Д.

доктори илми филология,
узви шӯрои диссертатсионӣ Шарифова Ф.